ХУЛОСАИ НИҲОИИ
ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-012 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН АЗ РӮИ ДИССЕРТАТСИЯ БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ ДОКТОРИ ИЛМ

Парвандаи аттестатсионии № 15

Қарори шурои диссертатсионӣ аз 21.10.2023, № 15.2

Барои сазовор донистани Мирзоалиев Абдурашид Абдунабиевич, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ.

Диссертатсияи “Идоракунии рушди иқтидори кадрии савдои чакана дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ: назария, методология ва амалия” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат, ба ҳимоя 05 июли соли 2023, суратмаҷлиси № 15.1 аз тарафи шурои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, 1/2.), ки дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, № 12/шд таъсис ёфтааст, қабул карда шуд.

Довталаби дараҷаи илмӣ Мирзоалиев Абдурашид Абдунабиевич 06 октябри соли 1973 таваллуд шудааст.

Соли 1995 Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси иқтисодиёт ва идоракунӣ дар корхонаҳои савдо ва хӯроки омма хатм карда, соҳиби тахассуси иқтисодчӣ-менеҷер гаштааст.

Дар вазифаи мудири кафедраи менеҷмент ва иқтисодиёти меҳнати Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон фаъолият менамояд.

Диссертатсия дар кафедраи менеҷмент ва иқтисодиёти меҳнати Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Мушовири илмӣ:** Шаропов Фарҳод Разоқович – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини ректор оид ба илм ва робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

- Комилов Сироҷиддин Ҷалолидинович, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисод ва иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон;
- Ҷонмамадов Шермамад Бекмамадович, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, сарходими шуъбаи таҳқиқоти муқоисавии иқтисодии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;
- Шамсов Илёсҷон Сафарович, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи системаҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар** Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон

Хулосаи мусбати додашудаи муассиса дар маҷлиси муштараки кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақа, назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон аз 11 сентябри соли 2023, протоколи № 2 баррасӣ гардида, аз тарафи раиси ҷаласа, мудири кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақаи ДДҲБСТ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Қаюмов Ф.Г., эксперт - д.и.и., профессори ДДҲБСТ Ризоқулов Т.Р. ва котиби ҷаласа номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Ҷураев Ф.М. имзо шуда, аз тарафи ректори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес

ва сиёсати Тоҷикистон, д.и.и., профессор Шарифзода М.М. санаи 12.09.2023 тасдиқ шудааст.

Дар хулоса қайд гардидааст, ки диссертатсия дар мавзӯи «Идоракунии рушди иқтидори кадрии савдои чакана дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ: назария, методология ва амалия», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат таҳқиқоти илмӣ-тахассусии баитмомрасида буда, ба талаботи муқарраргардидаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад, дорои аҳамияти баланди назариявию амалӣ, навгониҳои илмӣ буда, дар сатҳи баланди илмию методологӣ омода гардидааст, масъалаи муҳими илмӣ ҳалли худро ёфтааст ва муаллифи он Мирзоалиев Абдурашид Абдунабиевич сазовори дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси зикршуда мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқот вобаста ба соҳаи иқтисодиёти меҳнат, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳамияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо ризоияти шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

Интихоби муассисаи пешбар бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

Довталаби дараҷаи илмӣ 72 интишори илмӣ, аз ҷумла оид ба мавзӯи диссертатсия 4 монография ва 41 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда нашр шудааст.

**А) Монографияҳо**

[1-М]. Рушди иқтидори кадрии савдои чакана дар шароити иқтисодиёти рақамӣ. Монография. –Душанбе: “Ирфон”, 2023. - 240с.

[2-М]. Цифровизация экономики: проблемы и перспективы / А.А. Мирзоалиев, М.С.Тулиев //Монография- Душанбе: ГрафикаПринт, 2023. - 160 с. (10,0 ҷ.ч), (аз муаллиф 5,25 ҷ.ч).

[3-М]. Развитие инструментариев формирования и использования доходов населения / А.А. Мирзоалиев, Г.М. Рахимов //Монография- Душанбе: ГрафикаПринт, 2018. - 184 с. (11,5 ҷ.ч), (аз муаллиф 6,25 ҷ.ч).

[4-М]. Мирзоалиев А.А., Нурмахмадов М. Социально-трудовые отношения: вопросы мониторинга. Монография - Душанбе, Ирфон,2005, 104с. 6,5 п.л.

**Б) Интишорот дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудааст:**

[5-М]. Рақамикунонӣ ва рушди иқтидорӣ кадрӣ / Ф.Р.Шаропов , А.А.Мирзоалиев// Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. - Душанбе, 2023 №1, 2/2(47) -С. 248 – 253.

[6-М]. Омодагии кадрҳо дар шароити рақамикунонии саноати сайёҳӣ/ А.А. Мирзоалиев, Ё.К. Худойқулова // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. 2/2(47) Душанбе, 2023 -С.26-33

[7-М]. Рақамикунонӣ шарти муҳими тайёр кардани кадрҳо барои иқтисоди муосир / А.А.Мирзоалиев// Паёми Донишгоҳи давлатии шаҳри Бохтар, 2023 №3, -С. 54 – 59

[8-М]. Рақамикунонии корхонаҳо ва вазъи рушди иқтидори сармояи инсонӣ /

А.А. Мирзоалиев, Қ.М. Кабутов// Паёми Донишгоҳи давлатии шаҳри Бохтар, 2023 №1, -С. 75 – 81.

[9-М]. Арзёбии омилҳои ба рушди иқтидори кадрии савдои чакана таъсиррасон / А.А. Мирзоалиев// Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.-Душанбе, 2023 №1 (45) -С. 27-35

[10-М]. Нақши кадрҳои касбӣ дар рушди савдои чакана/ А.А. Мирзоалиев// Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.-Душанбе, 2023 №2/1 (46), -С. 341–347

[11-М]. Такмили раванди меҳнати кормандони савдои чакана / Ф.Р.Шаропов , А.А.Мирзоалиев, Қ.М. Кабутов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. -Душанбе, 2023 №1, 2/2(47) -С. 238 – 241

[12-М]. Баҳодиҳӣ ба вазъи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ҳамчун омили рушди демографӣ / А.А. Мирзоалиев., З.А. Абдуллоев// Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.-Душанбе, 2022 №4/2(44) –С.110-114

[13-М]. Равишҳои методологии идоракунии рушди рақамии сармояи инсонӣ/А.А. Мирзоалиев А.А.// Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.-Душанбе, 2022 №4/1(43) –С.200-209

[14-М]. Рушди иқтидори кадрӣ дар иқтисодиёти рақамӣ/А.А. Мирзоалиев, П.И. Холиқова// Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.-Душанбе, 2022 №4/1(43), -С.279-283

[15-М]. Масоили муҳоҷирати меҳнатӣ ва рушди бозори меҳнат/ А.А. Мирзоалиев, Ш.Р. Кабиров// Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.-Душанбе, 2022 №4/2 (44), –С.219-224

[16-М]. Нақш ва таъсири муҳоҷират дар рушди истеҳсолоти кишоварзии Вилояти Хатлон / А.А. Мирзоалиев// Паёми Донишгоҳи давлатии шаҳри Бохтар, ¼ (104) 2022, – С.156-160

[17-М]. Масоили инсони муосир дар шароити иқтисоди рақамӣ/А.А. Мирзоалиев А.А., Саидова М.Х.// Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.-Душанбе, 2023 №2/1 (46), –С.87-93

[18-М]. Масъалаҳои ташаккул ва рушди иқтисодиёти рақамӣ/ А.А. Мирзоалиев, М.С. Тулиев, П.И. Холиқова// Ахбори ДДҲБСТ, Силсилаи илмҳои гуманитарӣ.-Хуҷанд, 2022, №3, - С.103-109

[19-М]. Асосҳои консептуалии амалкунии бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ / А.А. Мирзоалиев, Ш.Х. Бобохонова//Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.-Душанбе, 2022 №2, –С.52-60

[20-М]. Таъсири Covid-19 ба низоми идоракунии сифати хизматрасонии меҳмонхонаҳо/ А.А.Мирзоалиев, И.Қ. Раҳмонов// Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.-Душанбе, 2022 №3(42), –С.280-286

[21-М]. Масоили рушди иқтисодиѐти рақамӣ дар шароити имрӯза / А.А. Мирзоалиев, П.И. Холиқова// Паёми ДМТ, Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ –Душанбе, 2023, №2(95), -С.104-113

[22-М]. Вазъи бозори меҳнат дар шароити муосир/ А.А. Мирзоалиев// Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.-Душанбе, 2021 №4/1(38),-С.108-114

[23-М]. Салоҳият ва касбияти роҳбар дар муайянкунии шахсияти ӯ/ А.А.Мирзоалиев, З.А.Абдуллоев// Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.-Душанбе, 2021 №4/1(38), -С.202-208

[24-М]. Вопросы экономико-математического моделирование показателей развития туризма [Матн] / А.А.Мирзоалиев, А.М. Сафаров // Журнал, Экономика

Таджикистан 1. – Душанбе, 2021, -С. 165-170
[25-М]. Рушди равандҳои бизнес ва банақшагирии тиҷорат /А.А.Мирзоалиев, Б.И.Мирзоев// Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.-Душанбе, 2022 №4, -С.66-71
[26-М]. Нақши тадқиқотҳои маркетингӣ дар рушди бизнес/А.А.Мирзоалиев, Б.И.Мирзоев// Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.-Душанбе, 2021 №4, - С.261-266
[27-М]. Мушкилоти менеҷменти сифати хидматрасонӣ дар тиҷорати меҳмонхона/ А.А. Мирзоалиев, И.Қ.Раҳмонов// Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.-Душанбе, 2019 №4, –С.269-274
[28-М]. Таъсири низоми идоракунии сифат ба фаъолияти меҳмонхонаҳо/ А.А. Мирзоалиев, И.Қ.Раҳмонов// Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.-Душанбе, 2020 №1, –С. 225-230
[29-М]. Нақши соҳаи сайёҳӣ дар рушди иқтисодиёти кишвар/ А.А. Мирзоалиев, А.М.Сафаров// Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.-Душанбе, 2020 №3(32), –С.138-145
[30-М]. Ҷанбаҳои назариявии рушди сайёҳӣ дар шароити муосир/ А.А. Мирзоалиев, А.М.Сафаров// Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.-Душанбе, 2020 4/1(33), -С. 104-111
[31-М]. Проблемы и перспективы развития предпринимательской деятельности в сельской местности / А.А. Мирзоалиев, С.С. Мизробов //Вестник Таджикского Государственного университета комерции. – 2018. - № 1, – С. 39-34
[32-М]. Таҷрибаи хориҷии идоракунии иқтидори кадрӣ / А.А. Мирзоалиев // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. -Душанбе-2018, 4 / 2, -С.134-138
[33-М]. Доходы трудовых мигрантов и их роль в повышении уровня жизни населения в Республике Таджикистан/ А.А. Мирзоалиев, Г.М. Рахимов// Вестник Таджикского государственного университета комерции, 2018, №4(25), -С.28-36
[34-М]. Рынок труда и социальные проблемы общества: вопросы гармонизации и пути их решения / А.А. Мирзоалиев, Г.М. Рахимов // Журнал экономика и предпринимательства г. Бишкек КРСУ, 2018, -С. 126- 132
[35-М]. Социальное партнерство в системе регулирования социально-трудовых отношений /А.А. Мирзоалиев, Г.М. Рахимов // Республика Кыргызстан, Вестник Ошского Госуниверситета, № 47, 2018, -С. 82-90
[36-М]. Решение проблемы социально-трудовых отношений в условиях цифровой экономике /А.А. Мирзоалиев, Г.М. Рахимов // Вестник международного университета г. Джалол – Абад, № 111, 2018, -С. 235-243
[37-М]. Институциональные основы формирования и использования доходов населения/ А.А. Мирзоалиев, Г.М. Рахимов, С.Ф. Низомов// Вестник Киргизского государственного университета им. Ж. Баласагына (научный журнал). - Бишкек: 2017. № 11 (8), - С. 226-239.
[38-М]. Роль рынка труда в решении социальных проблем общества /А.А. Мирзоалиев, Г.М. Рахимов // Вестник Таджикского государственного университета коммерции (научный журнал) Серия экономических наук. Душанбе: Тоҷир, 2018. № 1 (22), - С. 48-58.
[39-М]. Механизм формирования доходов населения в современных условиях / А.А. Мирзоалиев, Г.М. Рахимов, С.Ф. Рахимов //Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). Серия социально-экономических и общественных наук. - Душанбе: Сино, 2016. № 2/9 (218), - С. 228-236

[40-М]. Хусусиятҳои хоси менеҷменти рақобатпазирии кормандон дар шароити муосир / А.А.Мирзоалиев, А. Қодирӣ // Паёми ДМТ, №2/2, 2017,-С.61-64.

[41-М]. Консепсияи муосири мудирияти манобеи инсонӣ / А.А.Мирзоалиев, А. Қодирӣ // Паёми ДМТ, 2017, - С.97-101

[42-М]. Муасирияти идора, роҳбарӣ ва мудирият дар тавсия ва инкишофи низом /А.А. Мирзоалиев, Раҳимӣ М.// Паёми ДМТ, № 2/4 (169), Душанбе: «Сино», 2015, -С. 134-138

[43-М]. Ахлоқ дар менеҷменти захираҳои инсонӣ баҳри баланд бардоштани иқтидори кории кормандон дар фаъолияти корхона/ А.А.Мирзоалиев, А. Қодирӣ // Паёми ДМТ, №2/3, 2017, –С. 164-166

[44-М]. Вазифаҳои асосии мудирон дар тавсия ва инкишофи идора /А.А. Мирзоалиев, Раҳимӣ М.// Паёми ДДТТ, 1 (10) /2015, -С.79-87

[45-М]. Факторы и формирование развития управления рынка туристических услуг в Республике Таджикистан / А.А. Мирзоалиев, Ш.Абдуғаниев // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). Серия социально-экономических и общественных наук. (2/6 (175)) Душанбе «Сино»-2015. -С.154-158

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо зерин ворид шуданд:**

1. Исмоилов М.М. -доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисоди Донигоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров бо чунин эродҳо: 1.Ба андешаи мо, сатҳу сифати диссертатсия боз ҳам беҳтар мегардид, агар муаллиф зимни таҳқиқи такмили усулҳои арзёбии иқтидори кадрии савдои чакана дар масъалаи тайёр кардани кадрҳои ин соҳаро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор медод; 2.Дар автореферати диссертатсия ба омӯзиш, таҳлил ва истифодаи самараноки таҷрибаи хориҷии идоракунии иқтидори кадрии корхона таваҷҷуҳи кам зоҳир шудааст; 3.Ҳангоми таҳқиқи мавзӯъ шояд баояндабинии таъминоти кадрӣ муаллиф аҳамият дода бошад, аммо дар автореферат ин масъала дида намешавад.

2. Шарифов З.Р. -мудири кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шотеҳмур, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор бо чунин эродҳо: 1.Ба андешаи муаллиф аксарияти муҳаққиқони илми иқтисодиёт иқтисоди рақамиро иқтисоди баъдисаноатӣ, донишбунёд, инноватсионӣ, электронӣ, шабакавӣ, иттилоотӣ ва маҷозӣ номгузорӣ намудаанд. Коршиносони соҳа омили муҳими рақамикунониро ба рушди маданияти рақамӣ тавъам мешуморанд. Андешаи муаллиф пурра асоснок карда нашудааст? 2.Марҳилаҳои рушди иқтисоди рақамӣ дар расми 2 нишон дода шудаанд. Инқилоби рақамӣ аз ҷиҳати миқёс ва суръат таъсирбахш аст. Андешаи муаллиф тавзеҳ мехоҳад? 3.Дар автореферат муаллиф қайд менамояд, ки барои таҳияи равишҳои методологии идоракунии иқтидори кадрии савдои чакана бояд воситаҳо ва принсипҳои методологии мавҷуда ҳамчун асос ба инобат гирифта шуда, роҳҳои самараноки дар назария ва амалияи идоракунӣ истифодабарии онҳо ба роҳ монда шавад. Фикри муаллиф пурра зикр нашудааст?

3. Хайрзода Ш.Қ. - Ректори Донишгоҳи давлатии Данғара, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор бо эродҳои мазкур: 1.Дар автореферати дисертатсия зикр шудааст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо 0,32% аҳолии шуғл мутахассисони ТИК мебошанд. Андешаи муаллиф шарҳу тавзеҳ мехоҳад; 2. Муаллиф қайд намудааст, ки дар навбати худ захираҳои меҳнатӣ 1760,0 ҳазор нафар ва қувваи корӣ истифоданашуда дар иқтисодиёт 1327,0 ҳазор нафар зиёд ба қайд гирифта шудааст.Ин тамоюлҳо аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки бо истифодаи мақсадноки онҳо таъмини рушди иқтидори кадрӣ имконпазир мегардад. Аммо то ҳанӯз, истифодаи мақсадноки онро

мушоҳида намудан шубҳаовар аст. Андешаи муаллиф пурра асоснок карда нашудааст; 3.Дар автореферат қайд гардидааст, ки иқтисодиёти муосири ҷаҳонро, махсусан дар кишварҳои пешрафта, имрӯз бояд иқтисодиёти сармояи инсонии хеле самаранок номид. Муаллиф ин андешаро пурра шарҳ надодааст?

4. Усманова Туҳфа Ҷумаевна- мудири кафедраи назарияи иқтисодӣ ва иқтисодиёти рушди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор бо чунин эродҳо: 1.Дар автореферат муаллиф унсурҳои ба вуҷудоварандаи сармояи инсониро дар шароити рақамикунонӣ нишон додааст, аммо онҳоро ба таври зарурӣ тавзеҳ надодааст? 2.Дар расми 19 муаллиф механизми татбиқи инноватсионии рушди иқтидори кадрӣ дар бахши савдоро таҳия намудааст, ки он шарҳу тавзеҳи бештар мехоҳад? 3.Аз ҷониби муаллиф модели стратегии идоракунии иқтидори кадрии савдо таҳия гардидааст, вале то андозае хусусиятҳои он пурра шарҳ наёфтааст?

5. Ҷурабоев Ғафурҷон -д.и.и., профессор, профессори кафедраи идоракунии давлатӣ ва маҳаллии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, бо чунин эродҳо: 1.Дар автореферат омилҳои ташаккулдиҳандаи иқтидори кадрӣ дар расми 4 нишон дода шудааст, вале муфассал ин омилҳо шарҳ дода нашудааст; 2.Дар автореферат усулҳои арзёбии сифати иқтидори кадрии савдои чакана баррасӣ шудаанд, аммо мушаххас истифодаи ин усулҳо дар мисоли савдои чакана нишон дода нашудааст; 3. Аз ҷониби муаллиф самтҳои асосии рушди иқтидори кадрии савдои чакана дар шароити рақамикунонӣ пешниҳод гардидааст, аммо дар автореферат пурра тавзеҳ дода нашудааст.

6. Кошонова М.Р. -доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молияи Донишгоҳи молия ва иқтисоди Тоҷикистон, бо эродҳои зерин:1. Дар автореферат унсурҳои ба вуҷудоварандаи сармояи инсонӣ дар шароити рақамикунонӣ нишон дода шудааст, аммо аз ҷониби муаллиф пурра шарҳу тавзеҳ дода нашудааст? 2.Гузариш аз стратегияи идоракунии SPOD ба стратегияи VUCA-и инсонро муаллиф муҳим шумо448ридааст. Аммо, татбиқи он дар савдои чакана нишон дода нашудааст? 3.Бояд тазаккур дод, ки раванди рақамикунонии босуръат дар тамоми соҳаҳои иқтисоди ҷумҳурӣ талаботҳои бо тадриҷ навро ба миён мегузорад. Манзур муаллиф нисбати талаботҳо нишон дода нашудааст?

**7.** Ҳамроев Фузайлӣ - мудири кафедраи иқтисодиёт ва логистикаи нақлиётии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ доктори илмҳои иқтисодӣ, и.в. профессор бо эродҳои мазкур: 1.Дар автореферат ба андешаи муаллиф имрӯз, бисёре аз корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи технологияҳои рақамиро ҳамчун як вазифаи соф технологӣ қабул мекунанд, дар ҳоле ки парадигмаи рақамисозии ҷорӣ дар он аст, ки на он қадар технология тағйир меёбад, балки худи системаи идоракунии сармояи инсонии корхона бояд рушд намояд. Беҳтар мегардид, агар муаллиф ташаккули системаи идоракунии сармояи инсониро дар шакли ягон механизм таҳия менамуд? 2.Муаллиф таъкид намудааст, ки аз руи андешаи мутахассисон метавон хулоса кард, ки сатҳи рақобат ба рушди савдои чакана бештар таъсир мерасонад. Таъсири хурдтарин, аз рӯи натиҷаҳои пурсиши коршиносон, такмилдиҳии ихтисоси кормандони савдои чакана мебошад. Хубтар мешуд, агар самтҳои такмилдиҳии ихтисоси кормандони савдои чакана нишон дода мешуданд? 3.Дар автореферат хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ низ мушоҳида мегарданд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- масъалаҳои назариявӣ ва методологии рушди иқтидори кадрии савдои чакана дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ аниқ карда шуда, таъсири он ба баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ он муайян гардидааст;

- омилҳо ва меъёрҳои асосии ба раванди рақамикунонии субъектҳои савдои чакана таъсиррасон муқаррар гардида, нишондиҳандаҳои арзёбии сифати хизматрасонӣ таҳия карда шудааст;

- самтҳои афзалиятноки татбиқи технологияҳои рақамӣ дар субъектҳои савдои чакана асоснок ва пешниҳод шудаанд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:**

- асосҳои илмию назариявии рушди субъектҳои савдои чакана дар шароити иқтисодиёти бозорӣ баррасӣ шудаанд;

- *вобаста ба предмети таҳқиқот* усулҳои коркарди омории маълумот, таҳлили коррелятсионию регрессионӣ, таҳлили маҷмӯавӣ ва низомӣ, усули муқоисакунӣ, шаклҳои графикӣ ва ҷадвалии гузаронидани таҳлил истифода шудаанд;

- *таҳлили* вазъи муосири рушди иқтидори кадрии савдои чакана дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ гузаронида шудааст;

- механизми татбиқи раванди идоракунии маҷмӯии рушди рақамии иқтидори кадрӣ дар савдо бо равиши интегратсионии идоракунӣ таҳия гаридааст;

- самтҳои асосии рушди иқтидори кадрии савдои чакана дар асоси такмилдиҳии механизми идоракунии он дар шароити рақамикунонӣ асоснок шудааст;

- модели стратегии идоракунии иқтидори кадрии савдо бо дарназардошти матритсаи идоракунии рушди иқтидори кадрӣ ва таҳияи тавсияҳо оид ба низоми идоракунии кадрҳо дар шароити ташаккули иқтисодиёти рақамӣ таҳияи шудааст.

**Аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқоти илмии ба дастовардаи унвонҷӯ чунин тасдиқ мегардад:**

- *муқаррароти асосӣ* ва натиҷаҳои таҳқиқот дар Раёсати рушди иқтисод ва садои шаҳри Душанбе ва дар раванди таълими Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон татбиқ гардидаанд;

- *самтҳои асосии* илман асоснокгардидаи таҳқиқ метавонанд барои ба таври дақиқ ва объективӣ арзёбӣ намудани ҳолати идоракунии рушди иқтидори кадрии савдои чакана дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ бо дарназардошти таъсири бисёрҷонибаи омилҳои сершумори муҳити дохилӣ ва берунӣ дар шароити муосир истифода шаванд.

**Арзёбии саҳеҳии натиҷаҳои таҳқиқот ошкор менамояд, ки:**

- *назария* дар ақидаҳои консептуалии назарияи иқтисодӣ, назарияи иқтисоди рақамӣ, ҳамчунин соҳаи хизматрасонӣ ва идоракунии рушди иқтидори кадрии савдои чакана асос ёфтааст**;**

- *ғояи* таҳқиқот аз таҳлили дастурҳо, Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи оморӣ ва таҳлилии вазорату идораҳои дахлдор, маводи конференсҳо ва дигар маводи таҳлилӣ ва таҳқиқотӣ сарчашма мегиранд.

**Саҳми шахсии унвонҷӯ дар он зоҳир мегардад, ки:**

- татбиқи хулоса ва тавсияҳои асоснокшудаи диссертатсия ба сатҳи такмилдиҳии назария ва амалияи рушди субъектҳои савдои чакана дар шароити иқтисодиёти бозорӣ мусоидат мекунад;

- хулоса ва пешниҳодоти муаллифи диссертатсия дар раванди таълими Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ҳангоми тартиб додани барнома ва дастурҳои таълимӣ аз рӯи фанҳои соҳавии иқтисодӣ «Идоракунии сармояи инсонӣ», «Идоракунии захираҳои меҳнатӣ», «Иқтисоди меҳнат», «Идоракунии салоҳиятҳои рақамӣ», «Менеҷменти кадрӣ» «Идоракунии кормандон», «Менеҷмент» ва «Санъати роҳбарӣ» барои донишҷӯён, магистрантҳо ва докторантҳо аз рӯи ихтисосҳои PhD иқтисодӣ ва ғайра татбиқ шудаанд;

- муқаррароти асосии диссертатсия дар 72 кори илмӣ, аз он ҷумла 41 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд;

- натиҷаҳои асосии таҳқиқоти гузаронидашуда дар конференсияҳои илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ тӯли солҳои 2015-2023 баргузор гардидаанд, аз тарафи муаллиф маърӯза гардидаанд.

Дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 21 октябри соли 2023 қарори сазовор донистан Мирзоалиев Абдурашид Абдунабиевич бо дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 15 нафар аъзои шуро 14 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла доктарони илм оид ба ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда 5 нафар. Овоз доданд: тарафдор – 14 нафар, муқобил – нест, бюллетени беэътибор – нест.

**Муовини раиси шӯрои диссертатсионӣ, д.и.и., дотсент** **Қодирова З.Ҳ.**

**Котиби илмии шӯрои диссертатсионӣ, д.и.и., дотсент** **Толибов Қ.Қ.**

**Санаи барасмиятдароии хулоса -** *23 октябри соли 2023*